**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
номзади илмҳои таърих, дотсент
________________ Набизода М.С.
“26” 12 2025с.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ)

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илм.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мавриди назар ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси илмии 6D010600 – Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ): зербанди 1.2-уми банди 3. комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ба ташаккули завқи мусиқидустӣ, ҳисси зебоӣ, ахлоқ ва маънавиёт мусоидат мекунад. Омӯзонидани шунидани мусиқӣ, дарк ва эҳсоси он дар мактаб ва оила ба инкишофи қобилияти эҷодӣ ва ҳисси зебоиофарии кӯдак таъсири мусбат мерасонад. Муҳим аст, ки дар ин раванд омилҳои биологӣ, равонӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ ба таври ҳамҷоя ба назар гирифта шаванд. Таълими мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо оила қисми ҷудонопазири системаи тарбияи эстетикӣ мебошад. Мактаб ва оила бояд муҳити мусоиди фарҳангӣ эҷод намоянд, то кӯдак дар фазои мусиқӣ ва санъат рушд ёбад. Дар ҳақиқат, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавӣ ва тақвияти руҳияи миллӣ нақши бузург мебозад.

Дар ин робита, диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» имконият фароҳам меорад, ки тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон мавриди таҳқиқи мушаххас қарор гирифта, дар ин замина маводи илмӣ, таълимӣ ва методии ба талаботи

чомеаи навбунёди миллӣ мутобиқгардонидашуда таҳия шаванд, тавассути татбиқи навгониҳо бо дастурамалҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ сатҳу сифати тарбияи мусиқӣ дар мактабҳо беҳтар шавад.

Ҳамзамон, таҳқиқи масъалаҳои ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар низоми муосири таҳсилоти миллӣ аҳамияти бузург дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин раванд ба муайян намудани роҳҳои самараноки тарбия ва беҳтар намудани фаъолияти таълимию тарбиявӣ мусоидат хоҳад кард.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқот, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал муаллифи диссертатсия вазъи таҳқиқоти илмӣ - педагогӣ ва фарҳангшиносӣ ва таҷрибаи муассисаҳои муосири таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон, оилаҳоро дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба навоварии зерин ноил гардидааст:

- роҳҳои самарабахши ташкил ва истифодаи ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули мусиқӣ - эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ муайян карда шудаанд;

- воситаҳои мақсаднок ва мунтазами педагогии таълими мусиқӣ ҷорӣ карда шуданд, ки ба баланд бардоштани шавқи хонандагон ба мусиқӣ ва мусиқӣ - эстетикӣ нигаронида шудаанд;

- муносибати ташкил ва истифодаи фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ дар муассисаҳои таълимӣ асоснок карда шудааст;

- тибқи консепсия шароитҳои педагогӣ ва психологии ташаккули фарҳанги мусиқӣ - эстетикӣ дар хонандагон муайян карда шудаанд;

- роҳҳои оптималии ташкили фаъолияти таълимӣ ва эҷодии хонандагон дар дарс - консертҳо нишон дода шудаанд;

- тавсияҳои илмию методӣ омода ва пешниҳод карда шуданд;

- муайян карда шуд, ки барои мустаҳкамсозии рағбат ба мусиқӣ ва шаклҳои дигари санъат истифодаи методи интерактивӣ, бозиҳои мусиқӣ, иҷрои бадеии нақшҳо ва дигар усулҳои фаъол муҳим ба шумор мераванд;

- муайян гардид, ки истифодаи анъанаҳои бойи фарҳанги миллӣ дар дарсҳои мусиқӣ ва дигар шаклҳои санъат дар завқи мусиқӣ - эстетикии хонандагон муҳим мебошад.

Илова бар ин, бештари мафҳумҳои марбут ба самти санъати мусиқӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявӣ ифодаи расмии худро ба забони тоҷикӣ маҳз тавассути таҳқиқоти мазкур пайдо кардаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки рисола дар васеъ намудани ақидаҳои илмӣ дар бораи эҳтиёҷоти фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ иборат аст, ки онро маҷмуи аслии мукаммали равишҳои фарҳангӣ, барои омӯзиши масъалаҳои ташаккули дарсҳои мусиқӣ, таъмини дурустии ташаккули он ва фароҳам овардани имконият барои ноил шудан ба ҳадафи омӯзиш;

- моҳияти мафҳуми «талаботи мусиқӣ - эстетикӣ» - и хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ки дар таҳқиқот ҳамчун масъалаҳои хонаводагӣ ва ҳамкорӣ ба мактаб, сарчашмаи фаъолияте, ки хонандагон ба худшиносии фарҳангии худ ифодаи эҷодӣ, дарки эҳсосотӣ ташвиқ менамояд, равшан намуд;

- принсипҳои ташаккули хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ, ягонагии тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ бо назардошти шавқу ҳаваси хонаводагӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон;

- муайян намудани ҳиссиёти мусбат дар ҷараёни дарси суруд ва мусиқӣ

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводди ҷамъовардашуда, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи рисолаҳои ҷамъбастӣ барои донишҷӯёни факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ, таҳияи консепсияҳо, барномаҳои рушд ва лоиҳаҳои давлатӣ, тадриси курсу семинарҳои махсус барои омузгорони фанни суруд ва мусиқӣ, навиштани рисолаву мақолаҳои илмӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимону мутахассисон, унвонҷӯёну донишҷӯён ба сифати манбаи муҳимми илмӣ хизмат намуда, ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз ҷумла хондани лексияҳо ва баргузории дарсҳои амалӣ аз фанҳои таълимӣ: «Истилоҳшиносӣ», (ин фан аз дар ихтисосҳои санъати мусиқӣ, таҳсилоти томактабӣ, факултети мусиқӣ-омӯзгории Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода таълим дода мешавад) мусоидат менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Ба диссертант муяссар шудааст, ки муқарраротҳи назариявии таҳқиқотро бо далелҳои эътимодбахш асоснок карда, мубраммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, фарзияву чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эпирикӣ ва пойгоҳи сарчашмавии

диссертатсияро муайян ва мушаххас намуда, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажуҳиш, тавсияҳо ва пешниҳодро оид ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дуруст шарҳу тавзеҳ диҳад. Ҳамзамон, дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, мутобиқати методҳои таҳқиқ бо ҳадафу вазифаҳои он, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва эмпирикӣ таҳия шудаанд, барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд. Илова бар ин, эҷодкорона истифода шудани осори муҳимми олимони шинохтаи соҳаи санъати мусиқӣ ва фарҳанги ватанию хориҷӣ ва таҳлили дақиқи объекту предмети таҳқиқот низ ба эътимоднокии натиҷаҳо замина гузоштааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ дар он ифода меёбад, ки бо кӯшиши ӯ бори нахуст дар илми педагогӣ шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Довталаб дар ҷамъоварию таҳлили адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, тарҳрезии масъалаҳои матраҳшаванда, асоснокнамоии мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва мафҳумҳои асосии он, муайяннамоии мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, фарзия, интихоби методҳои таҳқиқот, коркарди асосҳои назариявию методологӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот саҳми бевосита гузоштааст.

Илова бар ин, диссертант андешаҳои илмии хешро тавассути хулосаҳои назариявӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои дорои ҷанбаи амалӣ мустақилона таҳия, баррасӣ ва асоснок намудааст. Мавриди зикр аст, ки довталаб солҳои зиёд ба ҳайси декани факултети мусиқӣ-омӯзгории МДТ "ДДФСТ ба номи М. Турсунзода" фаъолият намуда, масъаларо аз лиҳози илмӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Диссертант дар робита ба объекти таҳқиқот аввалин маротиба дастурамали "Истилоҳоти мусиқӣ"-ро аз дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума ва мураттаб сохтааст. Дастурамали таҳиянамудаи диссертант аз нигоҳи банду баст, мазмуну муҳтаво, интихобу хостагирӣ ва тавсифнигориву гурӯҳбандии мавод яке аз дастоварди камназири соҳаи санъати мусиқӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз дастурамали мураттабсохтаи муаллиф дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии мутахассисони соҳаи санъати мусиқӣ ва ҳамчун маводи ёрирасон дар баргузории

дарсҳои амалии ихтисосҳои санъати мусиқӣ ва таҳсилоти томактабӣ (санъати мусиқӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Ҳамзамон, довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ бевосита иштирок намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо таҳия кардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 25 - то мақола** баён гардиданд, аз ҷумла 7 - тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои байналмилаллӣ дар Федератсияи Россия, 4 мақола дар конференсияи байналмиллалӣ дар шаҳри Тошкент ва 11 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар ҳаҷми 171 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо таҳия гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳим будани мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмет, фарзия, методҳо ва марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳо, заминаҳои эмприкӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои он, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия – Тарбияи эстетикӣ ҳамчун самти афзалиятноки таҳсилоти мусиқӣ ном дорад ва аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия муаллиф раванди ташаккули таҳсилоти мусиқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият баррасӣ намуда, дар заминаи таҳқиқи дастовардҳои илмию назарии олимони тоҷик самтҳои афзалиятноки рушди санъати мусиқӣ дар даврони истиқлолиятро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба андешаи диссертант, ба тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон асосан таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмонро дар даврони Истиқлолият ба соҳаи фарҳанг, маориф, бахусус ба таълими суруд ва мусиқӣ, тарбияи мусиқӣ - эстетикӣ ва зебоипарастӣ дар муассисаҳои таълимӣ оварда шуда, қонунҳои Ҳукумати ҶТ дар ин самт мусоидат намудаанд.

Инчунин дисертант қайд менамояд, ки дар даврони Истиқлолияти ҶТ як қатор фармонҳои Президенти мамлакат ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди санъати мусиқии анъанавии тоҷик, аз ҷумла: Шашмақом (2000, 12 - уми май) ва Фалак (2007, 10 - уми октябр) бароварда шуданд. Ифтитоҳи мактаби олии касбии мусиқӣ - Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов (2003) низ зодаи даврони Истиқлол мебошад. Ҳамзамон баргузории фестивал - симпозиумҳои бонуфузи байналмиллалӣ (Шашмақом, Фалак, Баҳористон, Аржанг ва ғ.) солҳои 2000 - 2011 дар солҳои Истиқлолият боиси баланд бардоштани обрую эътибори тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ гардид.

Ҳамчунин чорабиниҳои бузург, аз қабили «Тоҷикистон – ватани азизи ман» ва «Фуруғи субҳи доноӣ - китоб аст» бо дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешаванд.

Инчунин, дар таҳия ва амалигардонии ҳуқуқҳои хонанда ҳангоми таҳиясозии санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шудаанд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар, омӯзгор ва ҷомеа" дар таълиму тарбия, аз ҷумла масъалаҳои ба ҳуқуқи хонанда ба таҳсил дар муассисаҳои давлатии таълимӣ, истироҳату фароғат мувофиқи синнусол, ба зиндагӣ ва тарбия дар оила, имконияти шиносоӣ ба фарҳанги миллӣ, таъриху анъанаву арзишҳои маънавии халқи тоҷик, комёбиҳои фарҳангии ҷаҳонӣ, ҳифз аз таъсири манфии муҳити иҷтимоӣ ва ғайраҳо диққати махсус дода шудааст

Диссертант дар идомаи таҳқиқи масоили мазкур саҳми олимони соҳаи дастурҳои Б. Хайруллоев, З. Назарова, Ҷ. Охунов, А. Нуров, Н. Турсунов], Х. Раҳимзода, Д. Латипов], Д. Рамазонов, Р. Рамазонова, А. Ёрматов], А. Гулов, Б.Мирбобоева, Д. Рустамов , З. Норова, З. Назарова , Д. Раҷабзода ва дигаронро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои мубрами илми тарбияи мусиқӣ бисёр муҳим арзёбӣ карда, бо мисолҳои мушаххас самти таҳқиқотии ҳар як муҳаққиқро нишон додааст.

Зимни таҳқиқи масъалаҳои зербоби дуюми боби якум – «**Аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ ва методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-**

**эстетикӣ»** диссертант дуруст қайд менамояд, ки ҳадафи таҳқиқоти мо дар ин самт - равшан сохтани аҳамияти таҳқиқотҳои назариявию методӣ дар ташаккули арзишҳои мусиқӣ-эстетикии шахсият, муайян кардани вазифаҳо, самтҳо ва нақши онҳо дар илми муосири педагогикаи мусиқӣ мебошад.

Дар ин зербоби диссертант ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагонро яке аз омилҳои тарбияи дурусти насли наврас номида зикр менамояд, ки ҳамкории мактаб, оила ва ҷамъият заминае ба вуҷуд меоварад, ки дар хонандагон истеъдодҳои бадеиву эҷодӣ такмил ёфта, онҳо зебоии табиатро бо воситаи мусиқӣ дарк намуда, меҳнат карданро меомузанд ва хулқу одоби намунавиро инкишоф медиҳанд.

Дар боби дуюми диссертатсия – “Унсурҳои муҳими раванди таълим ва тарбия”, ки аз ду зербоб иборат аст, масъалаҳои марбут ба нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **“Таълимии мактабӣ: нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ”** диссертант дуруст қайд менамояд, ки касби омӯзгорӣ ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб рафта махсусан, дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ин шарт ва зарур аст. Омӯзгорон ба тарбия ва тайёр намудани наслҳое, ки дар оянда наслҳои ҳозираро иваз хоҳанд намуд машғул мебошад. Дар ин зербоб фаъолияти омузгорони фанни суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ таҳқиқ карда шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «**Муҳити оилавӣ: вазифаҳои тарбиявию педагогии волидайн дар такмили завқи зебоишиносии насли наврас**» таваҷҷуҳ ба ҳамкории оила ва мактаб дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон ибрози андеша намудааст. Ба андешаи диссертант, муҳити оилавӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ифшо додани таҷрибаи мусиқии кӯдакон буда, хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ қисми зиёди ҳаёти худро дар он мегузаронанд. Дастурҳои арзишманди оила дар соҳаи санъати мусиқӣ дар аввал завқ ва афзалиятҳои мусиқии хонандагонро ташаккул медиҳанд. Мавқеи оила асосан ҳам далел ва ҳам муваффақияти кӯдакро, ки таҳсилоти мусиқӣ мегирад, муайян мекунад.

Дар боби сеюми диссертатсия – **“Ҳамкории мактаб ва оила ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикии хонандагон”**, ки аз ду

зербоб иборат аст, масъалаҳои марбут ба **нақши омӯзгори мусиқӣ дар рушди фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ** мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм “**Шаклҳо ва методҳои муассири ҳамкории мактаб ва оила”** диссертант дуруст қайд менамояд, ки шаклҳо ва воситаҳои маъмултарини алоқамандии оила ва раванди таълим, аз ҷумла: машваратҳо ва маҷлисҳои волидон, чорабиниҳои муштарак, фаъолияти лоиҳавӣ, истифодаи технологияҳои муосир, шунавоии мусиқӣ, шинос шудан ба асбобҳои мусиқӣ, сурудхонӣ бо ҳамовозии асбобҳои мусиқӣ, бозӣ, рақс, дарсҳои иловагӣ ва ғ. оварда мешаванд, ки ба инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ - эҷодии хонандагон мусоидат намуда, таъсири мусбат мерасонанд.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия «**Татбиқи таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои пажӯҳиш**» таваҷҷуҳ ба кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он таҳлилу баррасӣ карда шудаст. Диссертант дар натиҷаи татбиқи таҷрибавӣ ва таҳлилу барасии кори таҳқиқотӣ қайд менамояд, ки тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак таъсири муассир мерасонад ва барои ташаккули завқи санъати мусиқӣ, ҳассосияти эмотсионалӣ, ташаббуси эҷодӣ ва қобилиятҳои коммуникатсионӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар «Хулоса»-и диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот омилҳои таъсиррасонандаи ҳамкории мактабу оила дар тарбияи зебоипарастӣ дар ташаккул додани завқи мусиқии хонандагон, дар 3 гуруҳ арзёби карда шудааст. ки дурнамои таҳқиқи мавзуи диссертатсияро нишон медиҳанд. Рӯйхати адабиёт тибқи стандартҳои пазируфташуда бар асоси меъёр ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

1) воситаи иҷтимоии оила, дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилотӣ ва иловагӣ, ки арзишҳои иҷтимоиро ба хонанда муаррифӣ мекунад;
2) фаъолияти аҳли оила барои қувваю боварӣ кардани фарзанди худ иҷтимоисозӣ ва ташаббускории фаъолияти ояндаи ҳаётро меомӯзонад;
3) таълими мусиқӣ дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилотӣ ва иловагӣ, оилавӣ, ки маҷмуи муайяни таъсирҳои педагогӣ мебошад.

Диссертатсияи Шарофидин Муслиҳиддин Шарофидин таҳқиқоти бaанҷомрасида, комил ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, бо муҳиммияту мубрамият, навгониҳои назариву амалӣ ва аҳаммияти худ ба талаботи пажуҳиши диссертатсионӣ мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия ва автореферати он мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали барасмиятдарории диссертатсияҳо таҳия шуда, ба меъёрҳои илмӣ ва методӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд. Матни диссертатсия бо забони равону бо услуби адабии тоҷикӣ навишта шуда, сохтори мантиқии қисматҳои он риоя гардидааст. Аворефҷерат муҳтавои диссенртатсияро ба таври мухтасар инъикос намуда, моҳияти таҳқиқоти анҷомшуда ва натиҷаҳои бадастомадаи муаллифро равшан баён мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Шарофидин Муслиҳиддин Шарофидин ба ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) мувофиқат мекунад. Зеро довталаби дараҷаи илмӣ аз руйи ихтисоси мазкур дар назди кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода» зинаи доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) -ро гузаштааст. Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш низ мувофиқат менамояд. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқ мақолаҳои илмӣ навишта, дар конференсияҳои илмиву амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ суханронӣ намудааст, ки ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошанд.

Маводи интишорнамудаи муаллиф, ки дар 1 дастури методӣ 25 - то мақола баён гардиданд, аз ҷумла 7 - тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои байналмилаллӣ дар Федератсияи Россия, 4 мақола дар конференсияи байналмиллалӣ дар шаҳри Тошкент ва 11 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе чоп шудаанд фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 7 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар диссертатсия оид ба фаъолияти “Муассисаҳои таълимии иловагии кудкону наврасон, ки корҳои назаррасро ба анҷом расонидаанд, маълумот ба таври кофӣ дода нашудааст.

2. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия оид ба мактабҳои устод-шогирд, ансамблҳои кудаконаи рақсӣ, ки дар тайёр кардани кадрҳои соҳаи санъату фарҳанг нақши бориз доранд, кам таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

3. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия сухан дар бораи муҳити оилавӣ меравад, аммо дар бораи ансамблҳои оилавии намунавӣ маълумот нишон дода нашудаанд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби диссертант зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия:**

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” таҳқиқоти нав буда, дар сат□и зарурии илм□ ан□ом ёфта, аз □и□ати мазмун ба талаботи мав□уда мутоби□ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯи ихтисоси 6D010600 - Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601 - Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ,дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Раҳмонов Зикриё Пулотович мураттаб гардидааст.

Дисертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус бо иштирок ва баромади довталаб Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 16 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 16 нафар, «бетараф» – нест, «муқобил» - нест. (Қарор дар ҷаласаи кафедра таҳти №5 аз 26 декабри соли 2025 тасдиқ шудааст).

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи педгогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ____________Ализода Ш.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ____________Элмуродова С.Х.

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ____________Ғафорова С.П.

*Имзои дотсентон Ализода Ш., Элмуродова С.Х. ва Ғафорова С.П.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи муассисаи пешбар**
Нишонӣ: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон: ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1;
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел.:(992-3422) 6-52-73; +992 92-022-24-68
E-mail: **rector@hgu.tj; komron.elmurodov@mail.ru**

"26" 12 2025с.